Аз таҳлили мо ва ҷамъбасти адабиёти мавҷуда бармеояд, ки бисёр ҷанбаҳо ва масъалаҳои ММХ омӯзиш ва таҳқиқ шудаанд ва чанд тафсири умумӣ низ вуҷуд дорад. Аммо кори ҳамаҷонибаи таърихнигорӣ оид ба ММХ дар Тоҷикистон вуҷуд надорад.

Аз ин рӯ, таърихнигории ММХ аз Тоҷикистон мавзуи кушода ва комилан нопурра дар таърихнигории ҷумҳурӣ боқӣ мемонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар доираи самти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷик дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои солҳои 2020-2025 амалӣ шудааст, ки ба таҳқиқи масъалаҳои фаъоли таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** - омӯзиши таърихнигории таърихи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ (ММХ) аз Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** иборат аст аз муайян кардани дараҷаи инъикоси масъалаҳои: омилҳои муҳоҷират, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун мотиви асосӣ, ошкор кардани потенсиали Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ММХ, ҷойгоҳи ММХ аз Тоҷикистон дар бозори байналмилалии меҳнат, масъалаҳои ҳуқуқиву қонунгузории ММХ, мушкилоти ММХ, сиёсати муҳоҷиративу идоракунӣ ва танзим, депортатсияҳо ва мушкилоти онҳо, касбҳои ММХ, география ва сохтори ММХ - умуман зиёда аз 100 масъала, ки мо онҳоро ба вазифаҳои мушаххас ҷамъбаст кардем:

– баррасии тафсири мафҳуми муҳоҷиратҳои меҳнатии хориҷӣ (ММХ);

– пайгирии таърихи омӯзиши ММХ;

– масъалаҳои ММХ дар Тоҷикистон;

– рӯшании муайян намудани сабабҳои объективӣ ва субъективии ММХ;

– таърихнигорииияи танзими ММХ;

– таърихнигорииияи идораи ММХ;

– рӯшании шаклҳои интиқоли пулӣ дар ММХ;

– таърихнигорииияи масъалаҳои ҳуқуқии ММХ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот таҳлили адабиёти мавҷуд, монографияҳо, диссертатсияҳо мебошад, ки ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон дар охири асри XX - аввали асри XXI бахшида шудаанд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** - муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ (ММХ) дар Тоҷикистон ва ҳамаи масъалаҳои марбут ба он мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)** таҳқиқот солҳои 1991 то 2021-ро фаро мегирад. Рӯшании масъалаҳои актуалии муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон дар давраи истиқлолиятро метавон ба чанд марҳила тақсим кард, ки бо хусусиятҳои махсус фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, **марҳилаи аввал** солҳои 1991-2001-ро фаро мегирад ва бо оғози ҳаракати аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатии хориҷии шаҳрвандони ҷумҳурӣ алоқаманд аст. **Марҳилаи дуввум** солҳои 2001-2015-ро дарбар мегирад, ки дар ин давра раванди густариши географияи муҳоҷирати меҳнатии Тоҷикистон ба кишварҳои дигар сурат мегирад. **Марҳилаи сеюм** солҳои 2016-2021 мебошад, ки дар он раванд ба тадриҷ коҳишёбии ҷараёни муҳоҷирони меҳнатӣ аз минтақа ба кишварҳои дур ва наздик шуруъ мешавад.

**Таҳқиқот дар се марҳила сурат гирифт.**

**Дар марҳилаи аввал** (солҳои 2019-2020) адабиёти илмӣ ва таълимӣ-методологӣ аз ҷиҳати мавзуи интихобшуда таҳлил карда шуд, асосҳои назариявии раванди муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар Тоҷикистон

муайян гардиданд ва аппарати илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия шуд.

**Дар марҳилаи дуввум** (солҳои 2021-2023) омӯзиши адабиёти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот идома ёфт, моҳият ва таркиби компонентии мафҳуми муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар Тоҷикистон муайян карда шуд, вазифаҳо барои таҷрибаи констатсионӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи ибтидоии раванд таҳия гардиданд ва маводи таълимӣ барои таҳияи таърихнигорииияи масъала интихоб карда шуд.

**Дар марҳилаи сеюм** (солҳои 2024-2025) омӯзиши констатсионӣ ва таҷрибавии адабиёт сурат гирифт, коркарди статистикӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот анҷом дода шуд.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро таҳқиқоти донишмандони дохилӣ ва хориҷӣ, мақолаҳои илмӣ ва маводи оморӣ, суханронӣ ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, таҳқиқоти бахшидашуда ба масъалаҳои мубрами таърихи муҳоҷирати меҳнатӣ, афкору идеяҳои пешқадами олимони гузашта ва муосир, ҳамчун заминаи назариявӣ хидмат намудаанд. Дар рисола ҳуҷҷатҳои бойгонии таърихӣ, таҳқиқоти олимони соҳаи таърих, фалсафа, иқтисодиёт ва ҷомеашиносӣ, ки масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатиро инъикос менамоянд, васеъ истифода шудаанд. Барои татбиқи ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, муаллиф ба усулҳои таҳлили низомӣ (системавӣ), муқоисавӣ ва таҳлили мукаммал такя кардааст. Ҳамчунин, усулҳои таҳлил, тавсиф, баррасии ретроспективӣ (яъне баргардони таърихии равандҳои муҳоҷират дар заминаи рӯйдодҳои иҷтимоиву иқтисодӣ) низ ба таври фаъол истифода шудаанд.

**Методологияи кор.** Методологияи ин таҳқиқотро масъалаҳои баррасишаванда муайян мекунанд, ки аз манбаъҳои мушаххаси таҳқиқшаванда бармеоянд:

– мафҳумҳои таърихии рушди ҷомеа ва равандҳои ҷамъиятӣ;

– мафҳумҳои иқтисодии ҳаёти иқтисодии ҷомеа;

– барномаҳои стратегии вобаста ба ММХ;

– назарияҳои иқтисодӣ дар таҳқиқот.

**Методи таҳқиқот.** Методҳои таҳқиқот иборатанд аз таҳлили таърихӣ ва оморӣ, синтез, муқоиса, аналогия, тамомият, индуксия, дедуксия, тасниф, мушаххасгардонӣ ва хулосабарорӣ, ки бидуни онҳо муайян кардани ҷойгоҳи таҳқиқот ва манбаи иттилоот ғайриимкон аст.

**Пойгоҳи манбаъшиносии таҳқиқот.** Пойгоҳи манбаъшиносии таърихнигориии муҳоҷирати меҳнатии хориҷии Тоҷикистон маҷмӯи санадҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои тақсимотиву идоракунӣ, ҳисоботҳои ниҳодҳои идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳисоботҳои таҳқиқотӣ, диссертатсияҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мебошад, яъне пойгоҳи манбаъшиносӣ барои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон хеле васеъ аст.

**Ба гурӯҳи аввал манбаъҳо** суханрониҳо, баромадҳо ва пешниҳодҳои Асосгузори сулҳ ва ягонагии миллӣ, Раиси миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон содир мешаванд (Конститутсия, қонунҳо, консепсияҳо, барномаҳо), қарорҳо, фармонҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки аз номи вазорату идораҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ бароварда мешаванд. Ба ин гурӯҳ инчунин санадҳои байналмилалӣ, ки ба равандҳои муҳоҷирати марбутанд, дохил мешаванд [77].

**Гурӯҳи дуюми манбаъҳо** диссертатсияҳои таҳияшуда дар асоси маводи Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ба онҳо диссертатсияҳои Р.А. Улмасов, Е.А. Петрушкова, А.Т. Абдуллоева, Ф.К. Хаитов, П.Ш. Хакимов, А.Р. Тошов, М.Н. Таджибаева, З.А. Халимханов, Н.Н. Умаров, Сафар Шодибеки, С.К. Заурбеков, А.А. Артыков, К.Х. Гулмирзоев, М.Ш. Ҷалилов ва даҳҳо дигар мансубанд [11, с.231]. Махсусан, дар диссертатсияи Ф.К. Хаитов масъалаҳои хусусиятҳои назариявии таҳлили иҷтимоию фалсафии феномени муҳоҷират, муайянсозӣ ва омӯзиши омилҳои асосии муҳоҷирати фарҳангӣ ҳамчун меъёри фарққунандаи шинохти «худӣ» ва «бегона» дар партави равандҳои гуногуни социокультурӣ баррасӣ шудааст, ҳамчунин пайванди байни шаклҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ғарқшавиро, ки дар контексти равандҳои муҳоҷирати дида мешавад, ошкор мекунад [42, с.149].

Диссертатсияи П.Ш. Хакимов ба мо кӯмак кард, ки ба кадом масъалаҳои ММХ бояд диққат дод ва таҳқиқгарони равандҳои муҳоҷиратиро дар самтҳои мушаххас равона намоем. Дар ин асар назарияи муҳоҷират дар илм, мафҳуми «муҳоҷират» ва «муҳоҷир», инчунин масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати дохилӣ (шартҳои иҷтимоию иқтисодӣ, вобаста ба истеҳсолот ва бозори меҳнат, сабабҳо ва оқибатҳои афзоиши ММХ, шароити кор ва ғайра) [63, с.183] ба таври муфассал баррасӣ шудаанд.

Аз диссертатсияи А.А. Артыков мо шакли таҳлили сиёсати давлатии муосири муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзими миқдор ва сифати ММХ-ро истифода бурдем [63].

Аз ҳар як диссертатсия маводи муайяне, ки ба вазифаҳои таҳқиқоти мо марбутанд, гирифта шудааст. Масалан, дар диссертатсияҳои Т.Х. Мирзоев, Д.Ф. Николаева, А.А. Бабаев ва Р.У. Улмасов бештар масъалаҳои назариявию методологии равандҳои

муҳоҷиратиро баён мекунанд. Ин маводҳо ба мо кӯмак карданд, ки на танҳо ба масъалаҳои асосии худи раванд равона шавем, балки ба масъалаҳои мушаххаси ММХ низ диққат диҳем [54].

Хусусияти диссертацияҳои вобаста ба ММХ аз Тоҷикистон дар он аст, ки ҳар як кори диссертатсионӣ беназир мебошад, зеро он ягона аст бо вазифаҳо ва ҳадафҳои худ.

Аз диссертацияҳое, ки бо равияи филологӣ мебошанд [55], маводи дахлдор ба мушкилоти зиндагии муҳоҷирони меҳнатӣ (ММХ), ки дар ВАО-и Русия ва Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, истифода шуд.

Аз диссертацияҳои ҳуқуқшиносон [55] масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (ҳуқуқ ба сафар, ҷойгиршавӣ, манзил, кор, тандурустӣ, хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ ва суғурта), ҳам дар асоси қонунҳои кишварҳои содиркунанда ва ҳам кишварҳои қабули муҳоҷирон ва ҳуқуқи байналмилалӣ истифода гардидаанд.

Аз маводи диссертацияҳои сиёсатшиносон [65] барои равшандодани масъалаҳои сиёсӣ дар ММХ истифода шуд, зеро ҷомеаи тоҷик ҳанӯз дар марҳилаи фаҳмиши масъалаҳои глобализатсия, на танҳо дар равандҳои байналмилалии ММХ, балки дар истифодаи дурусти ММХ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар саҳнаи байналмилалӣ қарор дорад.

Ҳамчунин дар манбаъҳо ба таври васеъ аз диссертацияҳо дар бахшҳои гуногуни илмҳои иқтисодӣ истифода шуд: иқтисодиёти ҷаҳонӣ (А.А. Вартанян, А.Р. Тошов, З.К. Заурбеков) [64], назарияи иқтисодӣ (П.Ш. Хакимов) [63, с.182], иқтисод ва идоракунӣ (Эл-Сибаи, З.А. Халимханов, Н.Н. Умаров, Н.М. Таджибаев, А.Т. Абдуллоева) [58, с.177].

Ин асарҳо барои дарки назарияи иқтисоди ҷаҳонӣ, идоракунии иқтисод ва таъсири онҳо ба муҳоҷирати

меҳнатии аҳолӣ кӯмак расонданд. Дар маҷмӯъ, аз манбаъҳои номбаршуда калимаҳо ва мафҳумҳои асосӣ, ки бо ММХ алоқамананданд ва дар адабиёти илмӣ васеъ истифода мешаванд, гирифта шуданд. Ин мафҳумҳо иборатанд аз: муҳоҷират, муҳоҷирати меҳнатӣ, ММХ ва ҳама чизи марбут ба ин се мафҳум — муҳоҷират, хориҷӣ ва меҳнатӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Дар таҳқиқоти мазкур масъалаи таърихнигории муҳоҷирати меҳнатии берунмарзӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ (солҳои 1991–2021) ба таври фарогир ва ҳамаҷониба мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудааст. Ин раванд ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими воқеиятҳои иҷтимоиву иқтисодии даврони истиқлол мавқеи назаррасро ишғол менамояд.

Дар доираи ин таҳқиқот, бори аввал дар илми таърихи миллӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:

– Дар таҳқиқот равишҳои назариявӣ ва методологӣ оид ба омӯзиши масоили марбут ба муҳоҷират мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, пайдарпайии ташаккул ва рушди ин равишҳо дар асоси таҳлили рисолаҳо ва манбаъҳои илмии монографиявӣ нишон дода шудааст;

– Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти пешин, вобастагии байни ҳадафҳои муҳоҷират ва давомнокии он баррасӣ гардида, таснифи муҳоҷирати шаҳрвандони тоҷик таҳия шуда, мавқеи онҳо дар иерархияи рушди муҳоҷират муайян карда шудааст;

– Омӯзиши омилҳои равонии муҳоҷират аҳамияти махсус пайдо кардааст ва ин омил дар таҳлилҳо ҳамчун падидаи «бештабии муҳоҷиратӣ» арзёбӣ мегардад;

– Мушкилоте, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ҳангоми зисту иқомат дар кишварҳои хориҷӣ дучор мешаванд, мавриди таҳлил қарор гирифта, муайян шудааст, ки маҳз ҳамин

монеаҳо сабабгори шаклгирии анклавҳои муҳоҷирон мегарданд;

– Қонунгузории соҳаи муҳоҷират дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҷмӯи мутаҳҳиди танзимкунанда таҳлил шудааст, ки ба равандҳои муҳоҷиратӣ таъсири муштарак мерасонанд;

– Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии муҳоҷирати меҳнатӣ аз дидгоҳи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар мавриди омӯзиш ва ҷамъбаст қарор гирифтаанд;

– Нақши маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар рушди иқтисодиёти миллӣ таҳлил гардида, таъсири он ба бахшҳои мухталифи хоҷагии халқ арзёбӣ шудааст. самтҳои асосии омӯзиши ММХ дар Тоҷикистон муайян гардидаанд;

– пешниҳод шудааст, ки илмҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар оянда бояд ба кадом паҳлуҳои ММХ диққати бештар диҳанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– дар натиҷаи таҳлили нашрияҳо доир ба «мигратсияи меҳнатӣ» дар ВАО-и Россия ва матбуоти русизабони Тоҷикистон дар давраи пасошӯравӣ, раванд ва тамоюлҳои ташаккули тасвири «муҳоҷири меҳнатӣ» дар ин васоити ахбор дар давраи солҳои 1991 то 2008 мавриди омӯзиш қарор дода шуданд;

– таърихи омӯзиши ММХ пайгирӣ шудааст: таърихи заминаҳои ҳуқуқиву қонунгузорӣ, раванди худи ММХ, ташкили ниҳодҳои идора ва танзими он ва такмили ин сохторҳо дар адабиёт мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

– Самаранокии сохторҳои идоракунӣ ва механизмҳои танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ муайян гардида, омилҳо ва ҷараёнҳои аслии оғозёбии ин раванд аз қаламрави ҷумҳурӣ равшан шудаанд;

– Дараҷаи таҳқиқи омилҳои дохилӣ ва берунаи муҳоҷирати меҳнатии сокинони кишвар, инчунин сабабҳои

асосии равона шудани муҳоҷирон ба минтақаҳои Федератсияи Россия муайян гардидааст;

– Дар рисола чунин натиҷагирӣ баён шудааст, ки шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ ба коҳиши шиддати буҳрони иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Тоҷикистон саҳмгузор мебошанд;

– Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки ҷамъиятҳо ва созмонҳои диаспораи тоҷикон дар қаламрави Федератсияи Россия дар ҳифзи анъанаҳо, фарҳанг ва забони миллӣ нақши муҳим доранд;

– Баррасии манбаъҳои илмӣ, ки дар доираи давраи мавриди омӯзиш интишор ёфтаанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки муаллифони сершумор – таърихнигорон, сиёсатшиносон ва рӯзноманигорон – таҳқиқоти худро бо такя ба маводи бойгонишуда ва ҳуҷҷатҳои аслӣ анҷом додаанд;

– Як қатор корҳои монографӣ дар мавзуи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон анҷом ёфтаанд, ки дар онҳо нишон дода шудааст, ки ин навъи муҳоҷират аз оғози давраи истиқлолият то имрӯз ба унвони самти муҳими таъмини шуғл дар кишвар шинохта мешавад;

– Таҳлилҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳанд, ки саҳми муҳоҷирони меҳнатӣ дар пешбурди раванди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷомеа дорои аҳамияти хос мебошад;

– Яке аз омилҳои муҳими пешрафти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дар Тоҷикистон саҳми муҳоҷирони меҳнатӣ арзёбӣ мешавад, ки бо шарофати он имрӯз ҷомеаи тоҷик ба дастовардҳои назаррас дар бахшҳои гуногуни хоҷагии халқ ноил гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд барои пажӯҳишҳои минбаъда дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ва миграциология истифода шаванд. Маводи таҳқиқот метавонад ҳангоми навиштани таърихи муҳоҷирати

меҳнатии хориҷии Тоҷикистон дар даврони таърихи навини халқи тоҷик, инчунин дар кори таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди истифода қарор гирад. Ин таҳқиқот барои мутахассисони соҳаи мигратсиология, ҷомеашиносон (социологҳо), кормандони илмӣ, донишҷӯён ва омӯзгорони мактабҳои олии кишвар, ҳамчунин барои ҳамаи онҳое, ки ба таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ доранд, манфиатнок ва ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** чунин таъмин мегардад: такяи муаллиф ба методологияи илмӣ, инчунин истифодаи манбаъҳои гуногуни таърихӣ, фалсафӣ, сиёсӣ ва методӣ; таҳлили бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ; истифодаи ҳаматарафаи мақсаднок ва мукаммали усулҳои таҳқиқотии якдигарро пуркунанда, ки ба мақсад, предмет, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошанд; омезиши таҳлили назариявии масъала ва таҷрибаи таълимӣ дар муассисаҳои таълимии дорои ихтисоси таърих; натиҷаҳои мусбат, интихоб ва таҳлили намояндагии кофии маълумотҳо, коркарди дурусти онҳо ва аҳамияти оморӣи додаҳо, ки эътибор (валидӣ) ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Самти таҳқиқоти рисола ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** иборат аст аз: иштирок дар ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ; таҳлили дараҷаи омӯзиши масъалаи таҳқиқшаванда; бадастоварии натиҷаҳои нави илмӣ; асосноксозии назариявӣ ва амалии маҷмӯи усулҳо, ки барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда мусоидат менамоянд; таҳияи маълумоти таърихӣ оид ба масъала; муаллиф шахсан дар озмоиши натиҷаҳои

таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумоти таҷрибавӣ, инчунин тайёр кардани нашрияҳои асосӣ вобаста ба рисола иштирок кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтари ба номи Носири Хусрав» муҳокима ва ҷонибдорӣ гардида, тибқи протоколи №4 аз 21 ноябри соли 2024 барои дифоъ тавсия шудааст. Маводи рисола ҳангоми таҳияи монография, дастури таълимӣ оид ба таърихи навини Тоҷикистон, инчунин курси махсус барои донишҷӯёни факултети таърих ва ҳуқуқи донишгоҳи мазкур истифода шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ироа гардида, дар маҷаллаҳои зерин ба нашр расидаанд: «Ахбори Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (шомили феҳристи маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ - КОА); «Осиёи Марказӣ ва Қафқоз»; «Маҷмӯаи мақолаҳои аспирантҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ ФР»; маҷаллаи иттилоотии «ЕвроОсиё»; сомонаи «Хабаргузории Фарғона.Ру».

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 30 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 1 монография, 29 мақола, ки аз онҳо 17 мақола дар маҷаллаҳои тавсияшудаи КОА назди Президенти ҶТ ва 12 мақола дар дигар нашрияҳо ва конфронсҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз сарсухан, чаҳор боб, нуҳ зербоб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (310 номгӯй) таркиб ёфта, дар ҳаҷми 356 саҳифаи матни компютери таълиф гардидааст.

# МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда асоснок, дараҷаи омӯзиши масъала тавсиф, объект ва предмет, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ таҳия ва пешниҳод шуда, асоси методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва таъйиди он муайян карда шудааст.

Боби аввал – **«Назария ва методологияи таҳқиқи таърихи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар давраи истиқлолият»** аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум **«Масъалаҳои назарияи муҳоҷират дар муҳоҷиратшиносии тоҷик»** қайд мешавад, ки дар таҳқиқоти марбут ба таърихи равандҳои муҳоҷират то охири асри XV муҳоҷират ба маънои асосии худ, яъне ҳиҷрат кардан ё ҳаракат истифода мешавад, аммо танҳо дар асоси ихтиёрӣ будани он. Бо кашфиёти ҷуғрофӣ хусусияти ихтиёрии муҳоҷират боқӣ монд, вале дар баҳодиҳии иҷтимоии он – беҳбуди ҳаёти иҷтимоӣ ангезаи сиёсӣ бартарӣ пайдо кард. Бо зуҳури капитализм ангезаи иҷтимоӣ ҷои худро ба иқтисодӣ дод. Аз оғози мустамликадорӣ шуруъ карда, он тобиши сиёсӣ мегирад, ки бо ангезаҳои иқтисодӣ ҳамроҳ буд.

Аз нимаи дуюми асри XX муҳоҷират ба истилоҳи бисёрмазмун табдил ёфт: иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ, меҳнатӣ. Ба ҳамаи ин намудҳои муҳоҷират аз охири асри XX то имрӯз навъҳои муҳоҷирати экологӣ, доимӣ, муваққатӣ, таълимӣ, тиббӣ, сайёҳӣ, фарҳангӣ ва ғайраро илова кардаанд.

Ба масъалаи муҳоҷирати аҳолӣ дар Тоҷикистон касе махсус машғул нест. Аммо ба масъалаи равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон қариб дар ҳамаи таҳқиқоти иқтисоддонҳо [61, с. 132], муаррихон [2], сиёсатшиносон [23, с. 176], ҷомеашиносон [12, с. 26], демографҳо [18],

ҷуғрофияшиносон [49, с. 161] ва дигарон [69, с. 45] дахл мешавад.

Масъалаи муҳоҷират дар шуури ҷомеаи Тоҷикистон бо мазмунҳои зиёд: иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳатто мазҳабӣ ва забонӣ рабт дода мешавад. Ин хосси ҳамаи миллатҳои ҷаҳон аст. Дар муҳоҷират хусусияти миллӣ ҷустуҷӯ кардан дуруст нест. Муҳоҷират ҷанба ва хусусиятҳои миллӣ дорад, вале бештар аз он дигар чизе нест. Муҳоҷират дар асри XXI шакли нав пайдо кард, вале хусусиятҳои асосии худ – шакли баланд бардоштани сатҳи зиндагиро тағйир надод. Аммо ин шакл (роҳ, восита, усул) ҳам, дар асоси талаботи замон ва вазифаҳои ҳалкунанда тамоюли тағйир додани вазифа ва мақсадҳои худро доштааст.

Бо пайдо шудани сарҳадҳои сиёсӣ раванди муҳоҷират хусӯсияти сиёсӣ гирифт, вале табиӣ ва ихтиёрӣ будани худро ҳам гум накард. Баробари ба вуҷуд омадани сохти капиталистӣ муҳоҷирати аҳолӣ хусусияти ихтиёрии худро гум карда, тобиши сиёсӣ гирифт.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ дар муҳоҷиратшиносӣ»** масъалаҳои марбут ба таърифҳои гуногуни муҳоҷират аз ҷониби муаллифон ва муҳаққиқони ин соҳа баррасӣ карда шудааст.

Қайд карда мешавад, ки муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба ҷомеа хос аст. Он аз замонҳои хеле қадим ба вуҷуд омадааст: ҷамъияти ибтидоӣ, асрҳои миёна ва дар замони муосир. Он хусусияти сирф иҷтимоӣ дошта табиатан ба вуҷуд меомад: ва дар шакли тағйири ҷойи истиқомат ба ҷойи дигар, бинобар набудани ҷойи истиқомат кӯчидани аҳолӣ аз як маҳал ба маҳалли дигар (дар ҷомаеи ибтидоӣ), шикор (дар сохти авлодӣ), зиндагӣ қаноатмандона, ки бо меҳнати худ ба даст омадааст (дар ҷомеаи деҳот), кашф ё забти заминҳои нав (дар давраи

феодалӣ ва замони ташаккули муносибатҳои капиталистӣ) зоҳир мешуд. Ин ҳаракатҳо (ҷойивазкуниҳо) хусусияти доимӣ доштанд: кор (коргарон), не балки одамон (аҳолӣ) макони худро иваз мекарданд.

Дар таърихнигории муҳоҷирати меҳнатии хориҷии Тоҷикистон дар давраи аввали истиқлолият нақши созмонҳои байналмилалӣ хеле калон аст. Онҳо муҳоҷирати кории тоҷиконро на танҳо аз рӯи нишондодҳои ҷумҳуриявӣ, балки аз рӯи нишондиҳандаҳои минтақавӣ низ омӯхтаанд. Якумӣ дар ин кор Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ) ва сохторҳои он – ба мисли Барномаи рушди иқтисодии деҳот аст, ки то соли 2011 пажӯҳиши равандҳои муҳоҷират дар вилояти Суғдро дар самти бозори меҳнат ва муҳоҷирати корӣ анҷом дода, гузориши худро пешниҳод кардааст.

Тавре аз ҳисобот маълум аст, яке аз масъалаҳои лоиҳа омӯзиши муҳоҷирати меҳнатӣ буд. Дар матн маълумот дар бораи муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ оварда шудааст, вале дар бораи муҳоҷирати хориҷӣ аз вилояти Суғд итилооте дода намешавад [34].

Дар асари яке аз пешсафон ва оғозкунандагони пажӯҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ, олими сермаҳсул, ҷарроҳ, коршиноси назария ва амалияи ин масъала Раҳмон Улмасов, ки соли 2020 нашр шудааст, беш аз 30 масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо шарҳи худи муҳоҷирати меҳнатӣ дода нашудааст. Дар монографияе, ки соли 2021 [36] дар ҳаммуаллифӣ бо Н. Қурбонов нашр шудааст (181 саҳифа) шарҳи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ оварда нашудааст.

Дар таълифоти К. Х. Гулмирзоев, Р. Ҳ. Раҳимзода, Н. Р. Маҳмадуллозода ва Г. А. Сайфиддинова [16], ки ба масъалаҳои мухталифи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ бахшида шудаанд, тафсири худи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дода нашудааст.

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки дар адабиёт то қабули Консепсияи муҳоҷирати меҳнатӣ муҳаққиқон ва маълумотдиҳандагон кӯшиш кардаанд дар бораи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тавзеҳоти худро диҳанд ва баъдан пас аз қабули Конвенсия тавзеҳоти дар Конвенсия овардашударо мукаммал донистанд. Аз ин рӯ, маълум мегардад, ки дар диссертатсияҳо ва монографияҳои дар асри XXI нашршуда шарҳи муҳоҷирати меҳнатӣ дода нашудааст.

Зербоби сеюми боби аввал **«Марҳилаҳо ва тамоюлҳои асосии омӯзиши муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар муҳоҷиратшиносии Тоҷикистон»** ба масъалаи таърихнигории муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз кишвар бахшида шудааст. Гуфта мешавад, ки ҳар як рӯйдод дар ҷомеа заминаи таърихии худро дорад, ин ба илм, ба ибораи дигар, ба рӯйдодҳо ва равандҳо низ дахл дорад. Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон яке аз падидаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки кайҳост ба яке аз самтҳо дар илм (таърих, иқтисод, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, ҷуғрофия, фалсафа, филология, демография)-и Тоҷикистон табдил ёфтааст. Ин падида дар раванди ташаккул тавзеҳоти хосси худро дорад.

Дар муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ангезаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ, сиёсӣ, иқлимӣ, касбӣ, экологӣ ва солимӣ мавҷуданд, вале нақши асосӣ надоранд. Дар тамоми раванди муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ангезаи асосӣ ангезаи иқтисодӣ буд, ҳаст ва хоҳад буд: музди баланди меҳнат, кафолати ҳаёти оянда ва таҳти ҳимоя қарор доштан.

Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон ҳарчанд бо муҳоҷирати меҳнатии ҷаҳонӣ умумияти мутлақ дорад, вале дар ташаккули худ дорои хусусиятҳои хос мебошад. Аввалан, он маҳсули ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997

аст, дуюм, дар ҳама ҳолату масъалаҳо ва бо вазифаҳои гуногун ба раванди ҷаҳонӣ бе омодагӣ ворид шудааст: пул бештар зарар надорад, то рӯзҳои беҳтар ҳар шакле вақт гузарондан, бори дӯши дигарон нашудан, мунтазам кор карда, маҳорати касбиро аз даст надодан, ба оила кумак кардан, барои ҳамеша боқӣ мондан ва ғайра.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи масъалаҳои ММХ дар охири солҳои 90-уми асри XX на ҳамчун мавзуи мустақили илмӣ, балки ҳамчун масъалаи муайян намудани хусусияти он дар ҷараёни рафтор оғоз ёфт: барои муҳоҷират фазои ҳуқуқӣ омода кардан лозим буд. Ба ин масъала сохторҳои давлатӣ: Ҳукумат ва вазоратҳои дахлдор, созмонҳои байналмилалӣ машғул буданд. Мо ҷонибдори он андешаем, ки ташаббускорони омӯзиши илмии ММХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои байналмилалӣ (СММ) ва сохторҳои он, Созмони байналмилалии муҳоҷират (СБМ), Ташкилоти ҷаҳонии меҳнат (ТҶМ) мебошанд, зеро онҳо ҳанӯз аз давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба кор оғоз карда буданд.

Ҳамин тариқ, давоми солҳои 1993-2021 ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар Тоҷикистон 24 рисола, 30 монография, 7 гузориши илмӣ ва 94 мақолаи илмӣ бахшида шудааст. Ин рақамҳо худ тасдиқ мекунанд, ки омӯзиши мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ барои як таҳқиқоти таърихнигорӣ «пухта» расидааст.

Боби дуюми рисола **«Масъалаҳои омӯзиши хусусиятҳо ва тамоюлҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар давраи истиқлолият»** аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввали ин боб **«Марҳилаҳои ташаккули муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар асарҳои муҳоҷиратшиносон»** гуфта мешавад, ки яке аз вижагиҳои ташаккули таърихнигории идоракунии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон дар он аст, ки омӯзиши худи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ қабл аз таъсиси

мақомоти идоракунандаи он оғоз шудааст, ҳарчанд чунин андешаронӣ қобили баҳс аст. Нуктаи асосӣ он аст, ки таъкиди мо аз далели муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ сарчашма мегирад, на аз намуди ташаккулёфтаи (шакли) муҳоҷират. Аммо дар ҳар сурат, дар Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ нисбат ба дастгоҳҳои (мақомоти) идоракунандаи он барвақттар ба вуҷуд омадааст. Тавре маълум аст, ҳар як сохтор аз рӯи зарурат ва бо ниҳодҳои идоракунии худ, таъсис мешавад, зеро қонунҳо, қарорҳо, фармонҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки таъйиноти ҳуқуқӣ доранд, муқаррар, тасдиқ ва қонунӣ мекунад. Дар ҷомеа сохторҳое ҳастанд, ки қонун эҷод мекунанд - инҳо дастгоҳҳои ҳокимиятанд, аммо сохторҳое низ ҳастанд, ки пайдо мешаванд ва сипас таҳти назорат ва идоракунӣ гирифта мешаванд. Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз ҷумлаи чунин мақомот ё ниҳодҳо дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар рушди таърихнигории муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон нахустин шуда воситаҳои ахбори умум саҳм гузоштаанд. Аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар ВАО-и Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ мақолаҳо дар бораи муҳоҷирони кории иҷборӣ мунташир мешуданд. Аз ин хотир, мо ба диссертатсияҳои марбут ба муҳоҷират, муҳоҷирон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, ки дар заминаи маводи ВАО таълиф шудаанд, мурожиат кардем.

Новобаста аз он, ки дар Тоҷикистон қонунҳо дар бораи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ нисбат ба худи муҳоҷирати меҳнатӣ хеле дертар ба вуҷуд омадаанд, дар таърихнигории омӯзиши муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ин масъала бори нахуст мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аввалин суол марбут ба ин масъала – муайян кардани таърифи худи истилоҳи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ мебошад, ки дар қонунҳо, конвенсияҳо, тафоҳумномаҳо,

созишномаҳо ва шартномаҳои дорои хусусияти байналмилалӣ, байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, аз баррасии тӯлонӣ ва муфассали маълумоти мавҷуда дар бораи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ маълум мегардад, ки дар таърихнигории муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон то ҳол масъалаи назарияи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ мавзуи таҳқиқоти махсусе набудааст. Аммо дар зиёда аз сад сарчашмаи маълумоте, ки мо истифода кардем (асосан монографияҳо, диссертатсияҳо ва ҳисобот) қариб 10/9 қисми масъалаи назарияи муҳоҷират маводу итиллоъ мавҷуд аст, ки имкон медиҳад таърихи ташаккули муҳоҷират аз рӯи ном (кӯчонидан, кӯчидан, сокин кардан, азхудкунии макон, муҳочирати иҷборӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати сиёсӣ) ва мутобиқи қонуниятҳо дар бораи ҳар як шакли муҳоҷират пайгирӣ карда шавад.

Дар зербоби дуюми ин боб **«Тавсифи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ, таърихнигорӣ ва муҳоҷиратшиносии Тоҷикистон»** гуфта мешавад, ки муайян кардани сабабҳои ҳам объективӣ ва ҳам субъективии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон ба бисёр нишондиҳандаҳои арзёбишаванда алоқаманд аст: ҳам мавқеи шахсони муҳоҷиршаванда ва ҳам мавқеи сиёсат ё мақоми ваколатдори давлати мизбон дар баҳогузории ин иқдом ва сеюм ба ҷониби қабулкунанда.

Дар таърихнигории тоҷик танҳо таърифҳои арзёбикунанда дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ таҳия шудааст, на андешаҳои илмӣ дар хусуси муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ. Назари муҳаққиқон ба таъсири мусбат ва манфии муҳоҷират ва масъалаи таҳқиқшаванда то андозае баён ёфтааст, вале моҳияти масъала ҳануз норавшан боқӣ мондааст. Масалан, хуруҷи аҳолии

русзабон аз Тоҷикистон як раванди объективӣ аст ё субъективӣ ва барои чӣ? Ё худ муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон як раванди объективӣ аст ё субъективӣ? Барои дарёфти ҷавоби дуруст ба ин суолҳо меъёрҳои объективӣ ва субъективии онро ёфтан ё донистан лозим аст.

Равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон зери таъсири омилҳое ташаккул ёфтаанд, ки ангезаи ташаккули ҳадафҳои муҳоҷирати аҳолӣ: ҷаҳонишавии равандҳо, аз ҷумла равандҳои муҳоҷиратро муайян мекунанд. Дар мавриди Тоҷикистон бошад, барҳамхӯрии ИҶШС сабаби соҳибихтиёрии (истиқлолияти) Тоҷикистон гардид, ки ҷумҳуриро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашонд ва ҳодисаи охир боиси муҳоҷират (маҷбурӣ, сиёсӣ, динӣ, забонӣ, мехнатӣ, фарҳангӣ) гардид. Р. Улмасов дар байни тамоми равандҳо хусусияти муҳоҷирати тоҷиконро худи ҷанги шаҳрвандӣ ва махсусан оқибатҳои он медонад [73, с. 28].

Афзалият доштани истифодаи ибораҳои «муҳоҷирати меҳнатӣ» ва «муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ»-ро аз асарҳои нашршуда ҳам ба таври воқеӣ ва ҳам назариявӣ муайян кардан ғайриимкон аст, зеро касоне, ки дар ин бора маълумот додаанд, гоҳе ҳама навъҳои муҳоҷирати меҳнатиро ба як ном, баъзан танҳо «муҳоҷирати меҳнатӣ» ва дар ҳолатҳои дигар мушаххасан – «муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ» номидаанд. Дар солҳои минбаъда муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ (ММХ) нисбат ба муҳоҷирони хориҷӣ нисбат бар ибораҳои дигари дар бораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ истифодашаванда бартарӣ пайдо мекунад.

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои таърихнигории сиёсати давлатии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар Тоҷикистон»** низ ба ду зербоб тақсим шудааст.

Дар зербоби аввали боби мазкур **«Масъалаҳои идоракунии сохторӣ ва низоми муҳоҷирати меҳнатии**

**хориҷӣ дар таҳқиқоти муаррихону иқтисоддонҳо ва ҷомеашиносон»** гуфта мешавад, ки идоракунии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз решаи идоракунии муҳоҷирати аҳолӣ сарчашма мегирад, ки таърихи садсола дорад.

Анъанаи ММХ дар Тоҷикистон дар муқоиса бо таҷрибаҳои дигар кишварҳо хусусияти хоси худро дорост. Махсусияти он дар он зоҳир мешавад, ки дар марҳилаи ибтидоӣ ин раванд на аз сабаби ангезаҳои иқтисодӣ ё сиёсӣ, балки бар асари афзоиши сатҳи бекорӣ, ҳиҷрати маҷбурии аҳолӣ ба муддати номаълум ва мақоми муҳоҷирони тоҷик ҳамчун гуреза ба миён омад. Муҳоҷирони тоҷик ба хотири коҳиши фишори иҷтимоӣ ва парҳез аз вобастагӣ ба дигарон, ба фаъолияти меҳнатӣ рӯ оварданд.

Яке аз монеаҳои ҷиддии амалӣ шудани низоми самараноки идоракунӣ дар соҳаи муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ набудани ҳамоҳангии кофӣ байни роҳбарон ва корфармоён, инчунин камбуди ҳамкорӣ бо ниҳодҳои давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар доираи масъалаҳои сатҳи ҷаҳонӣ қарор дошта, ба ҳама кишварҳо – новобаста аз сатҳи иқтисодии онҳо – таъсир мерасонад. Он бо равандҳои умумии ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, пайванд дорад. Бо вуҷуди ин, на ҳамаи давлатҳо ба аҳамияти ин раванд ба таври ҷиддӣ муносибат зоҳир мекунанд.

Барои рушди самараноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи ММХ, зарур аст, ки таҷрибаи кишварҳои муваффақ мавриди омӯзиш қарор гирад. Дар Тоҷикистон ин раванд ҳамчун як падидаи маҷбурии воқеӣ, ки хоси раванди сиёсӣ ва истифодаи нерӯи меҳнатӣ мебошад, зуҳур карда, бештар хусусияти маҷбурӣ ва амалгароёна доштааст, на баромада аз танзими барномарезишуда.

Хадамоти муҳоҷират дар Тоҷикистон вазифаи мушаххасе дошт. Ҳанӯз дар солҳои 50-80-уми асри XX Тоҷикистон бо муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ шинос буд: коргарони заминҳои азхуднашуда, коргарони бунёди Шоҳроҳи Байкал-Амур, корҳо берун аз макони иқомат, коргарони мавсимӣ ва ҳамаи дигар намудҳои онҳо, ба истиснои муҳоҷирати кории мавсимӣ ва инфиродӣ идора карда мешуданд. Ин гуна фаъолиятҳо дар сатҳи маъмурияти коллективҳои мехнатӣ амалӣ мешуданд ва ё бехтарин ҳолат комиссияхо ё иттифокхои касаба ба онхо машғул буданд. Муҳоҷират аз назари миқёс, идоракунӣ, танзим ва мушкилот мисли асри XXI набуд.

Дар зербоби дуюми боби мазкур «**Хусусиятҳо ва тамоюлҳои танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон дар таҳқиқоти замони Истиқлол**» масъалаҳои омӯзиши равандҳо ва падидаҳои зикршуда дар нашрияҳои даврони истиқлолияти кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз зиёда аз 80 диссертатсия ва монографияҳои баррасишуда касе барои муайян кардани масъалаҳои асосӣ, вазифаҳо, мушкилот ва самтҳои танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ иқдом накардааст. Баъзеҳо, асосан, ба ҳуҷҷатҳои (асосан ба асноди ҳуқуқӣ)-и марбут ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ (конвенсияҳо, қонунҳо, конститутсияҳо, барномаҳо ва санадҳои меъёрии созмонҳои байналмилалӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ бартарӣ додаанд, дар ҳоле, ки баъзеи дигар танҳо масъалаҳои дар раванди муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ бамиёномада ва қарорҳои мақомот ва муассисаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро пайгирӣ кардаанд.

Муҳаққиқон танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро ба ҳуқуқӣ (қонунӣ ва ғайриқонунӣ), ҷузъӣ ва дастаҷамъӣ, муташаккил ва ғайримуташаккил ҷудо мекунанд, ки тавсифкунанда ва такмилкунандаи ҳамдигар мебошанд; ба

ин маънӣ, ки қонунӣ – бо иҷозат, ки тавассути Агентӣ ташкил карда шудааст ва ғайримуташаккил – мустақилона ва ғайриқонунӣ (ғайрирасмӣ).

Ҳамин тариқ, аз таҳлили адабиёти мавҷуда дар бораи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон бармеояд, ки қариб ҳамаи муҳаққиқон ба танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ то андозае таваҷҷуҳ кардаанд. Дар воқеъ, ҳар кадоми онҳо вобаста ба масъалаи танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ҳамон ҳуҷҷатҳоеро нисбат медиҳанд, ки муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро ба танзим медароранд ва дар замони таълифи асарҳояшон ба табъ расидаанд. Дар ин замина ва аз рӯи хронологияи асарҳои чопшуда раванд ва динамикаи рушди вазъи ҳуқуқӣ-қонунгузории муҳоҷирати меҳнатии хориҷии танзимшаванда ва танзимнашаванда ба таври возеҳ мушоҳида мешавад.

Боби чаҳоруми диссертатсия **«Таърихнигории таърихи ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ»** аз ду зербоб иборат аст.

Боби аввал **«Ҷанбаҳои молиявӣ-иқтисодии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар муҳоҷиратшиносии тоҷик»** асосан самти иқтисодии масъалаи мавриди омӯзишро фаро мегирад.

Дар таърих чандин шакли интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ маълум аст – аз бозгашти худи муҳоҷир бо маблағҳои коркардааш, фиристодани маблағ тавассути миёнаравҳо, то интиқол бо роҳҳои гуногун – бонкҳо. Муҳоҷирони меҳнатии хориҷии тоҷикистонӣ қариб ҳама намуди интиқол: ҳамроҳ бо худ, тавассути шиносҳо (хешовандон), бонкҳо ва ғайраро истифода мекунанд.

Омӯзиши адабиёти мавҷуда дар маҷмуъ дар бораи ММХ ва аз ҷумла дар бораи интиқоли маблағҳо ба мо кумак кард, ки шаклҳои зерини интиқоли маблағҳоро

муайян кунем: аз ҷониби худи муҳоҷири меҳнатӣ, тавассути дӯстон, шиносҳо ва хешовандон, тоҷирон, тавассути интиқол ва бонкҳо. Ин роҳҳо ё технологияҳо дар тӯли тамоми давраи мавҷудияти худ амал мекарданд ва ҳоло ҳам амал мекунанд. Танҳо ҷойҳо ё нақшҳои онҳо дар амалисозии интиқоли маблағ тағйир ёфтанд. Аз ин рӯ, дар омӯзиши таърихи рушди ниҳодҳои интиқоли маблағҳои ММХ мушкилот вуҷуд доранд ва онҳо ба ситонидани ҳақ аз маблағҳои ирсолшаванда ва аз ҷуғрофиёи (минтақаҳои) ирсолкунанда алоқамандӣ дошта, дар онҳо аксар вақт меъёр (фоизи ситонидашавандаи ҳаққи хизматрасонӣ) тағйир меёбад.

Тавре маълум аст, мушкилоти интиқоли маблағҳои ММХ дар ибтидои асрҳои XX ва XXI ҳам барои худи муҳоҷирон ва ҳам барои ирсолкунандагони онҳо аз нуқтаи назари бе камбудӣ ва сари вақт расонидани онҳо ҷиддӣ буд. Ҳолатҳое мушоҳида шуд, ки тоҷирони интиқолдиҳандаи маблағҳо, инчунин баъзе бонкҳо ба сабабҳои зиёд интиқоли пулро ҳам аз нигоҳи вақт ва ҳам аз назари комилии ҳаҷми он ба таъхир меандохтанд.

Нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон дар ғанӣ кардани ММД-и ҳар як кишвар гуногун аст. Кадом нишондиҳанда (кам ё зиёд) хуб ё мусбат аст, як масъалаи хеле баҳсбарангез аст, аммо ба назари мо, барои кишварҳои пешрафтаи ҷаҳони сарватманд хуб аст, агар нақши интиқолҳо аз ММД ночиз бошад. Аммо барои кишварҳое, ки имкони рушди саноати миллии худро надоранд ва захираҳои меҳнатии зиёдатӣ доранд ва муҳоҷирати меҳнатиро ба сиёсати миллӣ табдил додаанд, нақши интиқоли маблағҳо аз муҳоҷирати меҳнатӣ барои рушди кишвар хеле муҳим аст.

Тавре маълум аст, зиндагӣ ва сарнавишти муҳоҷир хеле душвор, гаронбор, пурчолиш, пур аз носипосӣ, қадрнашаванда, дорои обрӯи кам ва ғайра аст. Агар ин тавр

бошад, пас чӣ гуна ва бо кадом роҳ бояд муҳоҷиратро осон, камбор, бечолиш, боиси сипосгузорӣ, болидарӯҳӣ, ҳавасманд ва мавриди эътирофи ҷомеа гардондан мумкин аст. Аслан, ин кор амали зиёдеро талаб намекунад. Фақат онро ҳам ба пешниҳодкунанда ва ҳам ба истеъмолкунанда дуруст расондан лозим аст. Бозори меҳнат нисбат ба худ муносибати дуруст дар сатҳи давлатӣ, яъне сиёсати лозимро тақозо мекунад.

Дар зербоби дуюми боби мазкур **«Таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар таърихнигории Тоҷикистон»** ҷанбаи ҳуқуқии омӯзиши муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар ҷумҳурӣ баррасӣ шудааст. Гуфта мешавад, ки дар ибтидои таърихнигории ММХ Тоҷикистон мисли дигар масъалаҳо маълумоти ҷудогона дар матбуоти даврӣ ва иттилоот дар радиову телевизион хос аст. Дар адабиёти илмӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсие, ки ба ММХ Тоҷикистон бахшида шудаанд, дар бораи вазъи умумии муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар хориҷа маълумоти зиёде мавҷуд аст, вале муҳақиқони илмҳои ҳуқуқшиносӣ то ҳол таърихи ҳуқуқи ММХ-ро таҳқиқ накардаанд. Яъне ин масъала ҳамчунон таҳқиқнашуда боқӣ мемонад.

Ҳуҷҷатҳои (санадҳои) меъёрӣ-ҳуқуқии ба ММХ Тоҷикистон бахшидашуда бештар аз даҳҳо ададро ташкил медиҳанд. Инҳо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Дар адабиёти мавҷуда ба ҳар сурат ба таври мустақим ё ғайримустақим (расмӣ ё ғайрирасмӣ) дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ маълумот мавҷуд аст, ки дар инъикоси онҳо аз равишҳои гуногун истифода мекунанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ қонунӣ будани будубоши шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҷумҳуриҳои дигар мебошад. Аз ин назар, пайгирии рушди қонунӣ будани будубоши онҳо кори

душвор нест. Зеро ин масъалаҳоро Конститутсияҳо муайян ва танзим кардаанд, вале аз ҷиҳати замон ва шакл дар ҳақиқат мушкилиҳо вуҷуд доранд.

Қонунгузории муҳоҷират дар Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият таҳия шудааст. Дар он ба мафҳумҳое чун меҳнати байналмилалӣ, содироту воридоти қувваи корӣ, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, меҳмонкоргарон, коргарони фронталӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Ин мафҳумҳо дар ҳама ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи муҳоҷирати меҳнатӣ ҷой дода шудаанд. Вазифаи асноди қонунгузорӣ, агар умуман ба танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ равона шуда бошад, ҳамчунин масъалаи ҳифзи муҳоҷири меҳнатии худ, муайян намудани ҳуқуқҳои муҳоҷир дар кишвари қабулкунанда ва фароҳам овардани бартариҳои муайян дар бозори меҳнат барои муҳоҷирони худ низ аз ҷумлаи ин аснод мебошад.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

Таҳқиқи равандҳои таърихнигории муҳоҷирати меҳнатии хориҷии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият (1991–2021) муаллифро ба хулосаҳои зерин овард:

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI таърихнигории муҳоҷирати меҳнатии хориҷии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият (1991-2021) яке аз омилҳои муайянкунандаи коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва аз буҳрони иқтисодӣ баромадани кишвар мегардад. Ин раванд, ба боварии комили мо, дарояндаи наздик дар ҷумҳурӣ қатъ на-мешавад, балки, баръакс, сол то сол густариш хоҳад ёфт. Аз ин рӯ, зарури аст, ки ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷиронро таъмин ва ин раванд дар асоси созишномаҳои дуҷонибаи байни кишварҳо пайваста зери назорат гирифта шавад. Муҳим ноил шудан ба ҳадафест, ки ҳеҷ кас ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатиро нақз накунад [1-М].

Таҳқиқоти дар асоси сарчашмаҳои сершумор ва таълифоту арзёбии коршиносон доир ба мавзуъ анҷомшуда нишон медиҳад, ки омилҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ дорад. Рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пасошуравӣ бо вазъи буҳронии бозори меҳнати он ҳамроҳ аст. Дар ин давра нишондиҳандаи сатҳи бекорӣ ба 30 фоизи шумораи умумии ахолии аз назари иқтисодӣ фаъоли ҷумҳурӣ расидааст. Ғайр аз ин, кам будани музди кори аҳолии бо кор таъминшуда, ки хароҷоти сабади истеъмолиро намепӯшонад, сабаби бекории ноаён гаштааст. Ин вазъият боиси камбизоатӣ гашт, ки мизони он тибқи маълумоти соли 2009 39%-и шумораи умумии аҳолиро ташкил медод. Ин баландтарин нишондиҳанда дар кишварҳои ИДМ буд [4-М].

